# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

## Course: Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan

**Week: 12.**

# MAIN DIRECTIONS OF HUMAN CAPITAL FORMATION

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Main directions of human capital formation

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 12

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

12.1. Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

12.2. Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

12.3. Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Самтҳо, самтҳои асосии ташаккул, хусусиятҳо, рушди сармояи инсонӣ, принсипҳои асосии таъсиррасон, рушди сармояи инсонӣ ва рушди он, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, таҳлили ҳолати воқеии самтҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Меъёри асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ҳар як ҷамъият, сармояи инсонӣ башумор рафта, масъалаи омӯзиши инсон, сифатҳо ва қобилиятҳои куллии эҷодии ӯ, муҳим арзёбӣ мегардад.

Дурнамои рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди сифатан қобилиятҳои эҷодии инсон, ки омили асосии рушди иқтисодиёти донишандӯзӣ мегарданд, алоқаманд аст. Сармояи инсонии миллат яке аз ҷузъҳои асосии сарвати миллии ҷамъиятро ташкил медиҳад.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ дар корҳои сершумори олимони хориҷию ватанӣ доир ба назария ва амалияи ташаккули сармояи инсонӣ асос ёфтааст.

Дар шароити муосир таҳлили равандҳои воқеии рушд ва афзоиш боиси тасдиқи сармояи инсонӣ ба сифати омили асосии истеҳсолӣ ва иҷтимоии рушди иқтисоди муосир ва ҷомеа гардид. Мафҳуми сармояи инсонӣ рушди табиӣ ва умумисозии мафҳумҳои омили инсонӣ ва захираҳо мебошад, аммо сармояи инсонӣ категорияи васеътари иқтисодӣ башумор меравад.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Категорияи иқтисодии «сармояи инсонӣ» тадриҷан рушд менамуд ва дар марҳилаи аввал бо донишу қобилияти меҳнати инсон маҳдуд мегардид. Аксари олимони хориҷӣ муддати тӯлонӣ сармояи инсониро аз нуқтаи назарияи иқтисодӣ танҳо як омили иҷтимоии рушд, яъне омили хароҷот меҳисобиданд. Ба ақидаи онҳо маблағгузорӣ ба тарбия ва таълим бесамар ва гарон аст.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Дарача ва сифати баланди сармояи инсонии чамъшуда барои босуръат татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ, дигаргунсозии ҳолати иқтисодӣ давлат, навсозии технологии истеҳсолот, дигаргуниҳои бозории фаъолияти муҳим арзёбӣ мегардид. Дар натича, маҳз баланд будани рушди сармояи инсонии кишварҳои дорои иқтисодиёти пешрафта, ба даст овардани афзоиши устувори ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва баланд шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишварро таъмин менамояд.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Инчунн ба андешаи Саймон Кузнес, сармояи инсонӣ, яке аз омили асосии афзоиши эҳтимолии мӯътадили иқтисоди кишварҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Сармояи саломатӣ қисми ҷудонашавандаи сармояи инсонӣ мебошад, ки сармоягузорӣ дар он барои нигоҳ доштани қобилияти корӣ тавассути коҳиш додани бемориҳо ва зиёд намудани давраи истеҳсолии ҳаёт ифода меёбад[1].

1. Mincer J. The Production of Human Capital and the Lifecycle of Earnings: Variations on a Theme. – Working Paper of the NBER, 1994, ст.61.

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 вобаста ба масъалаи мазкур чунин таълиф гардидааст, ислоҳот дар низоми тандурустӣ ба таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва ғизохӯрӣ равона шудааст. Барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нави технологӣ ҷаҳду кӯшишҳои зиёд сарф шуда истодаанд[1].

Дар давоми соли 2025 барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 миллиард сомонӣ пешбини гардидааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 840 миллион сомонӣ афзоиш ёфт.

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, саҳ 54

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ




**Расми 1. Ташаккули сармояи инсонӣ ва сармоягузори ба он**

**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

# Мафҳуми самтҳои асосии ташаккули сармояи инсонӣ

Ҳамон қадаре, ки кор мураккаб бошад, талабот нисбат ба ихтисос, дониш, таҷриба ва масъулияти коркун ҳамон қадар баландтар мешавад. «Савдо ин худ ташкилотест, ки мавҷудият ё нобудшавии он бо тахассуси кормандони он муайян мегардад. Аммо дониш захираи мушаххаси инсонист. Донишро аз китобҳо ҷустан номумкин аст. Дар он ҷо танҳо маълумот пайдо намудан мумкин аст; дониш ин қобилияти татбиқи маълумот дар соҳаи мушаххаси фаъолият мебошад»[1].

1. Денисон Э.Анализэкономическогороста США с 1929 по 1969, 1974, ст.193

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Мафҳуми сармояи зеҳнӣ ва мафҳуми марбут ба моликияти зеҳнӣ аз иқтисоди нав ҷудонашавандаанд. Инҳо ҷузъҳои муҳимтарине мебошанд, ки бештари иқтисоди навро муайян мекунанд.

Мафҳуми «сармояи зеҳнӣ» хеле умумӣ буда, одатан маҷмӯи донишҳои ҳамаи кормандони ширкатро дар назар дорад, ки рақобатпазирии онро таъмин менамояд. Ба даст овардани бартариҳои мухталифи технологӣ ва ташкилӣ нисбат ба рақибон вазифаи асосии сармояи зеҳнӣ мебошад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Меҳнати соҳибкор ва менеҷер дар муқоиса бо дигар намудҳои кор дорои хусусияти назаррас аст.

Соҳибкорӣ ва навоварӣ, маҳорати ташкилотчигӣ ва масъулияти баланд, эҳсоси сарфакорӣ ва қобилияти ба даст овардани таваккалҳои оқилона, нерӯ ва ирода барои пешбурди тиҷорат ё идора карданро зарур мешуморад. Ахамият ва нотакрор будани ин қобилиятҳои соҳибкориро аксари иктисодчиён аз Ҷ. Шумпетер сар намуда, то назариячиёни муосири неоинститусионализм эътироф намудаанд.

## Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қобилиятҳои соҳибкориро на танҳо табақаҳои маҳдуди элитаи соҳибони фирмаҳо, балки роҳбарон, мутахассисон ва коргарони кироя ҳам доро мебошанд. Дараҷаи қобилиятҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми сармояи худӣ ва идорашаванда таҷассум меёбад, ки ин имкон медиҳад, ки тиҷорати хурд, миёна ва калон фарқ карда шавад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Сифати қобилиятҳои соҳибкорӣ бо самаранокии истифодаи сармоя ва устувории рушди соҳибкорӣ баҳо дода мешавад. Фосилаи даромаднокии маблағгузориҳои асосӣ ва суръати рушди иқтисодии ширкатҳо аз сармояи воқеии қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва соҳибкорӣ кормандон нишон медиҳанд.

Миқдори коре, ки ба шумо вогузор менамоянд, ба муваффақияти шумо баръакс мутаносиб аст. Агар шумо дар корманди одӣ бошед, фурӯшанда ё коргар муваффақияти шумо бевосита аз миқдори меҳнати сарфкардаатон вобаста аст.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Ҳар қадар бештар меҳнат кунед, ҳамон қадар бисёртар маҳсулот истеҳсол мекунед; Вақте ки шумо таваккал мекунед ва қарори дуруст қабул мекунед, агар вазъиятро дуруст баҳо диҳед, ба шумо лозим намеояд, ки аз ҳад зиёд кор кунед.

Аз ин рӯ, сармояи фарҳангӣ ва маънавӣ ҳамчун як намуди махсуси сармояи инсонӣ дар ҳама бахшҳои фаъолият ба назар гирифта мешавад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Категорияи сармояи фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ маҷмӯи қобилиятҳои зеҳнӣ, маълумот, қобилият, маҳорат, сифатҳои ахлоқӣ ва тахассуси шахсро ифода мекунад, ки дар ҷараёни амалисозии фаъолияти иҷтимоӣ истифода мегарданд. Сармояи фарҳангӣ салоҳияти забонӣ ва фарҳангии шахс, сарват дар шакли дониш ё ғояҳое мебошад, ки мақом ва қудратро қонунӣ мегардонанд, низоми муқарраршудаи иҷтимоӣ, зинанизоми дар ҷомеа мавҷудбударо дастгирӣ мекунанд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Хусусиятҳои фарҳангии шахс дорои арзёбии арзишӣ мебошанд:

иҷтимоӣ - хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории дониш, малака, маҳорат, сифатҳои ахлоқӣ, қобилият, тарзи зиндагӣ, симои, робитаҳои иҷтимоии шахс;

иқтисодӣ - маҷмӯи хароҷоте, ки бо рушди хусусиятҳои фарҳангии шахс алоқаманд аст. Худи арзишҳои фарҳангӣ, ки дар шуури одамон таҷассум ёфтаанд, инчунин (маҷмӯи шаклҳои устувори ҳамкории иҷтимоӣ) сармояи инсониро ифода намекунанд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Сармояи иҷтимоӣ ҳоло дар адабиёти иқтисодӣ торафт бештар эътироф карда мешавад. Сармояи иҷтимоиро метавон ҳамчун маҷмӯи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ муайян намуд, ки хароҷоти муомилоти иттилоотро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт коҳиш медиҳад. Дар адабиёти ғарбӣ сармояи иҷтимоӣ ҳамчун аломатҳои хоси ҳаёти иҷтимоӣ – муносибатҳои мутақобила, меъёрҳо ва эътимод муайян менамоянд, ки ба иштирокчиён имкон медиҳанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ самаранoктар амал намоянд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Бонки Ҷаҳонӣ сармояи иҷтимоиро чунин шаҳр медиҳад: «Сармояи иҷтимоӣ ба институтҳои иҷтимоӣ, муносибатҳо ва меъёрҳое таъллуқ дорад, ки сифат ва миқдори муносибатҳои байни одамонро дар ҷомеа ташаккул медиҳанд.

Сармояи иҷтимоӣ на танҳо маҷмӯи ин ниҳодҳост, ки пояи ҷомеа мебошанд, балки омиле аст, ки онҳоро бо ҳам алоқаманд менамояд».

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Ба андешаи Бонки Ҷаҳонӣ сармояи иҷтимоиро метавон ҳамчун маҷмӯи робитаҳои уфуқӣ байни одамон баррасӣ намуд. Онҳо алоқаҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳои алоқамандро дар бар мегиранд, ки ба ҷомеа, самаранокӣ ва некӯаҳволӣ таъсир мерасонанд.

Як намуди ҷудошавандаи сармояи инсониро метавон сармояи муштарӣ ё бренд ҳисоб намуд[1].

1. Mulligan C.B. X. Sala-i-Martin. Measuring Aggregate Human Capital. - Working Paper of the NBER, No 5016 (Feb. 1995)., ст.19

## Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Фаъолияти ширкат бо сармояи муштарӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ табдил меёбад ва худи ширкатро мета-корхона номидан мумкин аст, ки истифодабарандаро ба эҷод ва такмили муштараки арзишҳои истеъмолӣ ҷалб менамояд, зеро харидор ҳамчун довари ниҳоии дар ҳама хидматҳои аз ҷониби ширкат офаридашуда баромад мекунад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Корпоратсияҳои пешқадам ва баъд аз онҳо дигар ширкатҳо дар шароити рақобати номукаммал маҷбур мегарданд, ки на танҳо молу хидматҳои мушаххас, балки комплексҳои мураккаби иҷтимоӣ, аз қабили маҳсулоти моддӣ ва хизматрасонӣ ва афзалиятҳои онҳоро истеҳсол намоянд.

Мавҷудияти категорияи сармояи муштарӣ махсусан барои ширкатҳои суғуртавӣ ва дигар корхонаҳои молиявие, ки асоси фаъолияти онҳо портфели шартномаҳо бо мизоҷон мебошад, ки миқёс, сохтор ва динамикаи фаъолиятро муайян мекунад, алоқаманд мебошад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Муҳити рақобате, ки дар он ширкатҳо дар иқтисодиёти муосир фаъолият мекунанд, дар натиҷаи навовариҳо пайваста тағйир меёбанд. Дар ҳолати босурат рушд намудани навовариҳо аксарияти ширкатҳо барои муваффақ гардидан душвори мекашанд. Барои муваффақ гардидани ширкатҳо онҳоро зарур меоянд, ки дорои сармояи зиёди сохторӣ бошанд.

Дар ҳолати доштани сармояи сохторӣ қобилияти ширкатро дар идоранамоӣ, мутобиқ гардидан ба шароити тағирёбандаи бозор афзун менамоянд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Чунин сармоя бештар фаъолияти ширкатро дар ҳолати номуайянӣ ва рақобатпазирии муҳите, ки дар он ширкатҳо фаъолият менамоянд, рушд ва ташаккул медиҳад. Сармояи сохтории ширкат танҳо дар он ҷо пайдо мегардад, ки идеяҳо нисбат ба мавқеъ дар ҳама зинапояҳои роҳбарикунанда дар зинаи болои қарор дошта бошад.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Дар ҳолати баланд будани рақобатпазири дар бозорҳо навовариҳои нав бавуҷуд меоянд, ки арзиши онҳо хеле зиёд мегарданд. Инчунин агар ин афзалиятҳо ҳар қадар заифтар бошанд, ҳамон қадар талабот ба онҳо кам мегарданд. Дар ҳолати набудани идея ва навовариҳо маҳсулот арзиши хешро аз даст медиҳанд ва таваҷҷуҳ нисбат ба онҳо дар бозор кам мегарданд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Сармояи ташкилӣ аз донишҳои ташкилот иборат мебошад, на аз донишҳои кормандони он. Онро метавон ҳамчун дониши дохилшуда ё дониши институтсионалӣ тавсиф кард, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ дар пойгоҳи махсус нигоҳ дошта мешаванд. Ташкилӣ метавонад маълумоти муайянеро дар бар гирад, ки дар базаҳои маълумотҳо, дастурҳо ва стандартҳои иҷрои расмиёти сабтшуда ё донишҳои нонавиштае, ки метавонанд азхуд карда шаванд, мубодила ё ба қадри имкон рамзгузорӣ карда шаванд.

# Хусусиятҳои хоси рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули он

Ҳама гуна равандҳо ё расмиёт дар ташкилот бар асоси дониши шахсони алоҳида эҷод карда мешаванд. Дар назария бошад ин дониши воридшуда аз одамоне, ки онро таҳия мекунанд, вобаста набуда, дар ҳолати аз кор рафтани мутахассисон ин захираи воридшуда кам намегардад[1]. Дар навбати хеш ташкилотҳо аз ҷониби одамон таъсис дода мешаванд. Аммо дар шароити муосир, ширкатҳо тавассути идоранамоии донишҳо рушд меёбанд.

1. Mulligan C.B. X. Sala-i-Martin. Measuring Aggregate Human Capital. - Working Paper of the NBER, No 5016 (Feb. 1995)., ст.19

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Ҳангоми таҳқиқ ва татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои гузоштаи худ мо тасмим гирифтем, ки ҷиҳати ташаккули сармояи инсонӣ тавсяҳои арзишмандро нишон диҳем. Ба ақидаи мо, самтҳои зерин дар рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд натиҷабахш бошанд.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир




**Расми 1. Самтҳои ташаккули рушди сармояи инсонӣ**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқотӣ илмӣ таҳия гардидааст.**

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Самтҳои асосии рушди самояи инсонӣ дар расми 1 нишон дода шудааст. Онҳоро метавон такмил дод ва бо дарназардошти рушди ҷомеа низ иваз кард.

Дар баробари рушд намудани самтҳои рушди сармояи инсонӣ Тоҷикистон дар назди хеш максад гузоштааст, ки иқтисодиёти мамлакатро бар асоси навовариҳои нав бунёд намояд. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо бояд ба рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат таъсири назаррас расонад, зеро роҳи инноватсионии рушд тақозо мекунад, ки тарзи тафаккур ва рафтори одамон тағйир дода шавад. Муссалам аст, ки чунин дигаргунсози дар шуури инсон пеш аз ҳама фароҳам овардани муҳити мувофиқ ва дигаргунсозии худи ҷамъиятро тақозо менамояд.

## Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Дар робита ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2014 ва 2015 баён шудаанд, таҳия гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи чунин барномаҳо амал карда истодааст.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Яке аз ҳадафҳои муҳими мамлакат дар шароити муосир ин сиёсати саноатӣ ва дастгирии соҳибкории хусусӣ ҳамчун муҳаррики асосии дигаргунсозӣ интихоб гардидаст, ки бунёди истеҳсолоти замонавӣ, рақобатпазир, диверсификатсияро таъмин менамояд ва бидуни дахолати мустақими давлат қодир ба худтакмилдиҳии минбаъда мебошад.

Дар баробари ин, барои амалисозии вазифаи стратегӣ дар механизмҳои таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳо ва сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ дар ҳар сатҳи зинанизоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муносибати сифатан навро талаб менамояд.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Яке аз шартҳои муҳими рушди босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои иктисодию иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо бо истифодаи васеъи дастовардҳои илму техника, босуръат ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди инноватсионии равандҳои модернизатсия, диверсификатсия, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва васеъ намудани номгӯи маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба таври кофи барох монда нашудаанд.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир




**Расми 1. Нуктаҳои асосии такмили сармоягузорӣ**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқотӣ илмӣ таҳия гардидааст.**

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Бахши инноватсионии иқтисодиёт, қисми созандаи ҷомеа ва давлат буда, манбаи ҷамъоварии сармояи баланди инсонӣ самт ва суръати рушди кишвар, минтақа, ҷомеаи байналмилалӣ ва созмонҳоро муайян менамояд. Сармояи инсонӣ тавассути сармоягузорӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва фаъолияти зеҳнӣ ташаккул меёбад. Аз ҷумла - дар тарбия, таълим, тандурустӣ, дониш, илм, қобилият ва фазои соҳибкорӣ, дар таъмини иттилоотии меҳнат ва озодиҳои иқтисодӣ, инчунин дар соҳаи фарҳанг, санъат ва дигар ҷузъҳо.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Дар баҳодиҳии самаранокии индивидуалии иқтисодии он, ҳосилнокии индивидуалии он, саҳми инфиродии он ба афзоиши ММД ва баланд бардоштани сифати зиндаги душвориҳои объективии методологӣ мавҷуданд. Сармояи инсонӣ тавассути мутахассисон ва технологияҳои иттилоотӣ ба рушду нумӯи иқтисодиёт дар ҳама соҳа мусоидат менамояд;

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Дар ҳама намудҳои фаъолияти хоҷагӣ ва идоракунӣ мутахассисони соҳибмаълумот ҳосилнокӣ ва самараноки меҳнатро муайян мекунанд. Дониш, кори босифат, тахассуси мутахассисон дар самарабахшии фаъолият ва фаъолияти муассисаю ташкилотҳои ҳамаи шаклу намудҳо накши ҳалкунандаро мебозанд;

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Маблағгузорӣ ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодии иқтисодӣ ба баланд бардоштани эҷодкорӣ ва донистани қонун аз ҷониби шаҳрвандон, ташаккули мафкураи некбинона ва созанда ва дар шароити муосир оқилона ва ташаккули институтҳои давлатӣ, ки ба рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани сифати хаёт мусоидат мекунанд.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Сармояи инсонӣ бояд сармоягузориро барои фароҳам овардани муҳити зист, ки фаъолияти самараноки онро таъмин менамояд, дар бар гирад. Дар кишвари рӯ ба тараққӣ барои мутахассисони баландихтисос, ки барои ташаккули низоми самараноки инноватсионӣ ва бахши иқтисодиёти инноватсионӣ заруранд, дар ҳама ҷо шароити рақобатпазир ва мусоид фароҳам овардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, технополисҳо ва технопаркҳо ташкил карда мешаванд. Онҳо режими махсуси истиқомат, баланд бардоштани амният, беҳтар намудани инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати зиндагиро пешниҳод менамоянд.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Барои фаъолияти самараноки сармояи инсонӣ сифати рақобатпазири зиндагӣ, аз ҷумла бехатарӣ, экология ва шароити зиндагӣ ва дар сатҳи мамлакатҳои тарақикарда зарур мебошад.

# Самтҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити муосир

Асосе, ки дар он иқтисодиёти инноватсионӣ ва ҷомеаҳои иттилоотӣ таъсис меёбанд, волоияти қонун, сармояи инсонии баландсифат, сифати баланди ҳаёт ва иқтисодиёти самарабахши саноатӣ мебошад, ки бемайлон ба иқтисодиёти пасиндустриалӣ ё инноватсионӣ табдил ёфтааст.

# ХУЛОСА

Дар сурати набудани манбаи тавлиди инноватсия - рақобат - худи инноватсияҳо вуҷуд надоранд ё табиати тасодуфӣ доранд. Озодии иқтисодӣ, бозорҳои рақобатпазир, волоияти қонун ва моликияти хусусӣ омилҳое мебошанд, ки ба таври худкор навоварӣ, талабот ба он, сармоягузорӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд ва роҳро байни идея ва маҳсулоти инноватсионӣ мекушоянд.

# Адабиёт:

1. Mincer J. The Production of Human Capital and the Lifecycle of Earnings: Variations on a Theme. – Working Paper of the NBER, 1994, ст.61.

2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, саҳ 54

3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, саҳ 54

4. Mulligan C.B. X. Sala-i-Martin. Measuring Aggregate Human Capital. - Working Paper of the NBER, No 5016 (Feb. 1995)., ст.19